# 08 00 00 ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ
# 08 00 00 ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 08 00 00 ECONOMY SCIENCES

## 08 00 01 ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ТЕОРИЯ
## 08 00 01 ECONOMIC THEORY

*УДК 332*
*ББК 65.28*

### *ИҚТИСОДИЁТ ВА ЭКОЛОГИЯ: АЛОҚАМАНДӢ ВА ВОБАСТАГИИ МУТАҚОБИЛА*

***Алиҷонова Сурайё Абдушукуровна,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

### *ЭКОНОМИКА И ЭКОЛОГИЯ: ВЗАИМОСВЯЗЬ И ВЗАИМОЗАВИСИМОСТЬ*

***Алиджанова Сурайё Абдушукуровна,*** *к.э.н., доцент кафедры экономической теории ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

### *ECONOMY AND ECOLOGY: INTERRELATION AND INTERDEPENDENCE*

***Alijanova Surayo Abdushukurovna,*** *candidate of the sciences economics, Associate Professor of the department of the theory of economics under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *sura14@ mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *низоми экологию иқтисодӣ, утопизми экологӣ, экстримизми иқтисодӣ, бӯҳрони экологӣ, таназзули табиат, иқтидори иқтисодию табиӣ, сармояи экологӣ*

*Моҳияти иқтисодиёт ва экология дар алоқамандӣ ва вобастагии мутақобилаи онҳо мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Аз давраи инқилоби саноатӣ тамсилаи экстенсивии рушди иқтисодӣ ташаккул ёфта буд, ки ба ҷалби миқёси зиёди захираҳои табиӣ ба иқтисодиёт оварда расонид. Дар натиҷа сарбории хоҷагидорӣ ба захираҳои табиӣ якбора зиёд шуд ва боиси бӯҳрони иқтисодӣ гардид. Бинобар ин таносуби бамиёномадаро дар афзалиятҳо иваз намуда, варианти оптималиеро, ки ҳам манфиатҳои экологӣ ва ҳам иқтисодиро дар бар мегирад, дарёфтан лозим аст. Се роҳи ҳалли ин зиддият мавҷуд аст. Якум, маҳдудияти назарраси таъсири антропогенӣ ба табиат, ки ин утопизми экологист. Дуюм, рушди иқтисодӣ бе назардошти маҳдудиятҳои экологӣ, ки экстремизми иқтисодӣ буда, ба таназзули табиат оварда мерасонад ва сеюм, ҳамоҳангсозии талаботи иқтисодӣ ва экологӣ. Дар шароити муосир натиҷаҳои тахриби муҳити экологӣ метавонанд чун омили мамониаткунанда ба рушди устувор баромад кунанд. Бе ҳалли муаммоҳои экологии муосир таъмини тараққиёти устувор дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ имконнопазир мебошад.*

***Ключевые слова:*** *эколого-экономическая система, экологический утопизм, экономический экстремизм, экологический кризис, деградация природы, экономика-природный потенциал, экологический капитал*

*Анализируется природа экономики и экологии во взаимосвязи и взаимозависимости. Со времён развёртывания промышленной революции была сформирована модель экстенсивного наращивания масштабов вовлечения в экономику природных ресурсов, что привело к резкому увеличению хозяйственной нагрузки на природные ресурсы и привело к экологическому кризису. Поэтому следует изменить сложившееся соотношение в приоритетах и найти оптимальное сочитание, включающее как экологические, так и экономические выгоды. Есть три выхода из создавшегося противоречия. Первый: существенное ограничение антропогенного воздействия на природу – экологический утопизм. Второй путь: развитие экономики без учета экологических ограничений – экономический экстремизм, который ведёт к деградации природы. И третий путь: сочетание экономических и экологических потребностей. В современных условиях результаты разрушения экологической среды могут выступать как сдерживающий фактор устойчивого развития. Без решения современных экологических проблем невозможно обеспечить устойчивое развитие в условиях глобализации экономических отношений.*

***Key words:*** *ecologico-economic system, ecologic utopianism, economic extremism, environmental crisis, degradation of nature, economy as natural potential, environmental capital*

*The article dwells on the nature of economy and ecology in interconnection and interdependence. Since the unfolding of the industrial revolution, a model has been formed to extensively scale up an involvement of natural resources into economy that has led to a sharp charge on natural resources and an environmental crisis. Therefore, the established correlation in priorities should be changed and an optimal combination should be found; the latter being supposed to include both environmental and economic benefits. There are three ways out from this contradiction. Firstly: a significant limitation of an anthropogenic impact on nature – but that is environmental utopianism. Secondly: economic development without taking into account environmental restrictions – but that is economic extremism which leads to degradation of nature. Thirdly: combination of economic and environmental needs. Under modern conditions the results of the destruction of the ecological environment can act as a deterrent to sustainable development. Without solving modern environmental problems it is impossible to ensure sustainable development in the context of globalization of economic relations.*

Алоқамандии байни иқтисодиёт ва экология аз табиати худи ин мафҳумҳо бармеояд. Истилоҳи “экономика” аз калимаи юнонии “oikonomike” (oikos –хона ва “nomos“- қоида, қонун) гирифта шуда, маънояш қонуни хоҷагидорӣ аст. Вожаи “иқтисодиёт” ё “иқтисод” аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои сарфа кардан, сириштакору сарфакор будан, ба андоза харҷ кардан ва ғайраро дорад [1,821]. Иқтисодиёт маҷмӯи муносибатҳои истеҳсолии ҷамъият, асоси иқтисодии он; хоҷагии халқи мамлакат ё қисми он мебошад, ки соҳаҳо ва шаклҳои гуногуни истеҳсолотро дар бар мегирад. Иқтисодиёт илмест, ки истифодаи захираҳои гуногуни маҳдудро бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти инсон ва рафтори оқилонаи субъектони

хоҷагидориро меомӯзад.

Истилоҳи “экология” аз калимаҳои юнонии “oikos” – хона, хоҷагидорӣ, манзил ва “logos” -таълимот гирифта шуда, он илмест, ки қонунҳои табиат ва амали якҷояи организмҳои зиндаро бо муҳити зист меомӯзад.

Яке аз асосгузорони илми экология Эрнст Геккел ҳанӯз дар асри XIX экологияро ҳамчун соҳаи донише муайян намуда буд, ки иқтисодиёти табиатро омӯхта, муносибати хайрхоҳона ва хайрнохоҳонаи ҳайвонотро ба табиати зиндаю ғайризинда тадқиқ мекунад. Хуллас, экология омӯзиши муносибатҳои мураккаб, мубориза барои мавҷудият аст [12,43]. Мавқеи хосаро экология чун асоси илмии истифодаи оқилонаи табиат ва ҳифзи организми зинда, дар асри XX ба баробари шиддат ёфтани таъсири инсон ба табиат ишғол намуд. Ба эътирози як қатор мутахассисон-экологон дар истифодаи озодонаи истилоҳҳо нигоҳ накарда, имрӯзҳо экологияро бо ҳифзи муҳити зист ҳаммаъно мешуморанд. Пештар танҳо мафҳуми ҳифзи табиат ҳамчун фанне, ки принсипҳои умумӣ ва усулҳои ҳифз кардану азнавбарқароркунии захираҳоро (замин, об, атмосфера, олами набототу ҳайвонот ва комплекси табиӣ) меомӯзад, истифода мешуд. Ҳоло бештар мафҳуми ҳифзи муҳити зист истифода бурда мешавад. Ин истилоҳ дақиқтар аст, зеро ки ҷабҳаҳои иҷтимоии ин муамморо дар бар мегирад. Аниқтараш зери мафҳуми ҳифзи муҳити зист маҷмӯи ҳифзи иҷтимоию иқтисодӣ ва табиати инсонро иҳотакунанда, маҷмӯи чорабиниҳои байналхалқӣ, давлатӣ, минтақавию маҳаллӣ, технологӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ки барои таъмини шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию таърихӣ, ҳифзи саломатии инсон зарур аст, фаҳмида мешавад. Дар манобеи хориҷӣ бошад асосан истилоҳи энвайренментология (аз калимаи лотинии “environment” муҳити зист ва “logos” таълимот, яъне илм дар бораи ҳифзи муҳити зист)- ро истифода мебаранд.

Инсон, табиат ва воситаи истеҳсолот якҷоя низоми экологию иқтисодиро ташкил мекунанд, ки дар он се намуди алоқа ҷой дорад:

- Алоқаи иқтисодӣ - байни одамон дар ҷараёни истеҳсолот пайдо мешавад, ки дар ин ҷараён ҳамеша инсон ба табиат таъсир расонида, боиси дигаргуншавии он мегардад;
- Алоқаи технологӣ- байни одамон, воситаи истеҳсолот ва табиат;
- Алоқаи экологӣ- байни қисмҳои алоҳидаи табиат, ки ба ҳамдигар бе иштироки инсон ё баъзан бо иштироки ғайримустақими он, таъсири мутақобила мерасонанд [3,6].

Қайд кардан зарур аст, ки чӣ хеле ки истеҳсолот, чун асоси моддии ҷамъияти дилхоҳ, ҳамаи тарафҳои зиндагиро фаро гирифта наметавонад, низоми экологию иқтисодӣ низ наметавонад тамоми робитаҳои дутарафаи инсон ва табиатро фаро гирад. Он танҳо қисми бою гуногуншакли низоми иҷтимоию экологиро ифода мекунад.

Солҳои зиёд инсон худро фотеҳи табиат ҳис мекард. Аз давраи амалӣ гардидану тавсеаи инқилоби саноатӣ тамсилаи экстенсивии афзоиши миқёси ҷалби захираҳои табиӣ ташаккул ёфт, ки сараввал барои васеъшавии фаъолияти саноатӣ, баъдан барои коммуникатсияҳои нақлиётӣ ва соҳаи хоҷагиву маишӣ пешбинӣ шуда буд. 30-40 соли охир истифодаи захираҳои табиӣ ба мақсадҳои хоҷагидорӣ афзуд ва дар натиҷа масъалаи ҳифзи муҳити зист аз фишори беҳад зиёди антропогенӣ ба миён омад.

Моҳияти ҳифзи муҳити зист дарёфтани таносуби оқилонаи манфиатҳои экологии ҷамъият бо манфиатҳои иқтисодии он аст. Ин манфиатҳо ягонаанд, зеро дар маркази он инсон, таъмини сатҳи некӯаҳволии ӯ қарор дорад. Айнизамон инсон ва табиат дар муносибати мутақобила қарор доранд. Инсон на танҳо объекти таъсиррасонанда ба муҳити зист, балки ҳамзамон чун субъекти таъсиррасонанда ба саломатӣ, некӯаҳволӣ ва ҳолати табиат баромад мекунад.

Се роҳи ҳалли ин зиддият мавҷуд аст. Якум, қатъ гардонидан ё назаррас маҳдуд кардани таъсири антропогенӣ ба табиат, ки ин утопизми экологӣ ба ҳисоб меравад. Дуюм, рушди иқтисодӣ бе назардошти маҳдудиятҳои экологӣ, ки экстремизми иқтисодӣ буда, ба таназзули (деградация) табиат ва нобудшавии инсоният оварда мерасонад. Роҳи сеюм, ҳамоҳангсозии иқтисодӣ ва экологии эҳтиёҷот ба ҳисоб меравад. Лекин ҳамоҳангсозӣ гуногун шуда метавонад. Таҷриба нишон медиҳад, ки инкишофи гузаштаи ҷамъият, ки ба афзалиятҳои иқтисодӣ нигаронида шуда буд, ба бӯҳрони экологӣ оварда расонд. Бинобар ин таносуби бамиёномадаро дар афзалиятҳо тағйир дода, варианти оптималие, ки ҳам манфиатҳои экологӣ ва ҳам иқтисодиро дар бар мегирад, дарёфтан лозим аст.

Экологи амрикоӣ Б. Коммонер панҷ намуди дахолати инсонро ба ҷараёнҳои экологӣ ҷудо намудааст:[8,28]

- Содатар намудани экосистема ва қатъшавии сиклҳои биологӣ;
- Зиёдшавии партовҳои фаъолияти инсон;
- Афзоиши партовҳои заҳролуди истеҳсолоти кимёвӣ;
- Воридшавии намудҳои нав ба экосистема;
- Пайдошавии тағйироти генетикӣ дар рустанию ҳайвонот.

Директори пажӯҳишгоҳи муҳити зист дар шаҳри Стокголм П. Раскин, муташанниҷ гардидани алоқамандии байни ҳадафҳои рушди иқтисодӣ ва ҳадафҳои идоракунии сифати муҳити зистро таъкид карда, мегӯяд, ки принсипи этикӣ дар роҳи ҳамбастагии табиат ва ҷамъият принсипи умда мебошад. Алоқаи байни тақсимоти боадолати некӯаҳволӣ ва пойдории экологиро ӯ дар ҷабҳаҳои зерин шарҳ медиҳад: дар дохили мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ниҳода, дар дохили мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққӣ карда, байни давлатҳо ва наслҳо. Насли оянда ба тарзҳои муосири тақсимоти захираҳо таъсир расонида наметавонад. Ин аз мо талаб мекунад, ки ӯҳдадориро ба дӯши худ гирифта, ҳамин хел роҳи тараққиётро интихоб намоем, ки ворисони мо иқтидори иқтисодию табиии торочшударо ба мерос нагиранд [10].

Пажӯҳишгоҳи байналхалқии иқтисодиёти экологии шаҳри Бейҷер ҳадаф гузошт, ки фанҳои иқтисодию экологиро оқилона пайваст намуда, то шуури шахсоне, ки қарор қабул мекунанд расонанд, ки инсон дар дохили табиат арзи ҳастӣ дорад, на берун аз он ва инчунин вобастагии байни иқтисодиёт ва экосистемаҳоро бояд дарк намуд [3,8].

Дар замони муосир алоқамандии иқтисодию экологии байни мамлкатҳо бо суръати баланд инкишоф ёфта, дар аломатҳои зерин зоҳир мегарданд:

- **Шиддатёбии вобастагии иқтисодӣ**. Инқилоби саноатӣ ва баъдан илмию техникӣ роҳро барои ташаккули хоҷагии ҷаҳонии ягона кушоданд. Миқёси фаъолияти иқтисодӣ якчанд бор афзуда, ба ташкили хоҷагии ҷаҳонӣ оварда расонд, ки ҳоло ба маблағи 81 трлн. дол. амрикоӣ арзёбӣ мегардад ва пешбинӣ мешавад, ки дар 50 соли наздик ин нишондиҳанда то 5 -10 маротиба афзуда метавонад. Садсолаи

охир истеҳсолоти саноатӣ беш аз 50 маротиба афзудааст, ки аз 4/5 ин рушд ба солҳои 1950 рост меояд [9, 274]. Омили муҳити зист таъсири худро ба суръати рушд ва таносуби такрористеҳсоли васеъ, хусусият ва таркиби робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ расонида истодааст.

- **Таъмини ҳиссаи назарраси рушди иқтисодӣ аз ҳисоби истеъмоли захираҳои табиӣ.** Ҳафтод соли охир инсоният то 100 млрд. тонна ашёи хоми гуногун, аз ҷумла канданиҳои кӯҳӣ ва сӯзишвориро бо истифодаи тақрибан 3500 $км^3$ об дар як сол барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ истифода бурдааст, ки 98 % он дар ҷараёни коркард ба партов равона карда мешавад [7, 37]. Дар натиҷа муҳити зист ба ифлосшавии назаррас дучор шудааст, ки тақрибан 80% он ба соҳаи энергетика рост меояд. Илова бар ин коҳишёбии зиёди захираҳои барқарорнашавандаи рӯи замин хароҷоти энергияро зиёд гардонида, ба вайроншавии экосистемаҳои минтақаҳои нави захиравӣ оварда расонида истодааст.

Масъулияти асосии таназзули муҳити зист ба дӯши мамлакатҳои тараққикарда мефароӣд, ки аз 1/5 аҳолии ҷаҳон дар онҳо зиндагӣ карда, ба сатҳи баландтарини беҳбудии моддӣ расидаанд. Ин мамлакатҳо захираҳо ва қувваи кории қариб тамоми сайёраро истифода мебаранд. Барои нигоҳ доштани сатҳи некӯаҳволӣ ин мамлакатҳо 70% энергия, 75% металл, 60% озуқаворӣ ва 85% чӯбро масраф мекунанд.[3,9]

- **Афзоиши сарборӣ ба табиат аз сабаби зиёдшавии шумораи аҳолӣ.** Таъсири шадид ба табиат нишонаи асосии инқилоби саноатист, ки баъди ҷанги дуюми ҷаҳон бо суръати баланд афзоиш ёфтааст. Инсон энергияи ядроиро ба даст овард, ба кайҳон баромад, масолеҳҳои нав офарид, техникаи ҳисоббарор ва технологияҳои иттилоотӣ бо суръати баланд такомул ёфта истодаанд, дар кишоварзии бисёр мамлакатҳои тараққикардаю рӯ ба тараққӣ “Инқилоби сабз” ба миён омад. Суръати афзоиши озуқаворӣ аз суръати афзоиши аҳолӣ зиёд шуд. Ҳамаи ин шаҳодати гузариш ба ҷамъияти нави иттилоотӣ мебошад. Дар натиҷаи чунин дастовардҳо шумораи аҳолии дунё рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Айни ҳол шумораи аҳолӣ дар кураи замин ба 7.4 млрд. нафар расида, мувофиқи пешгӯиҳо соли 2050 ба 9 млрд. мерасад. Чунин вазъият ақидаи олимони соҳаи демография, махсусан Т. Малтусро тасдиқ менамояд. Дар ҳақиқат вазъияти ба миён омада оид ба таркиши демографӣ шаҳодат медиҳад, ки фосилаи он аз ибтидои солшумории милодӣ то рафт кӯтоҳ шуда истодааст. Боиси қайд аст, ки тақрибан 93%-и зиёдшавии аҳолии дунё аз ҳисоби кишварҳои дар ҳоли тараққӣ ба миён меояд, ки дар онҳо суръати миёнасолаи афзоиши аҳолӣ зиёда аз 2%-ро ташкил мекунад. Дар ин гурӯҳи кишварҳо, ки ба он асосан мамлакатҳои қитъаи Африка, Америкаи Лотинӣ дохил мешаванд, вазниншавии ҳолати экологӣ ба назар мерасад. Дар давраи муосир дар дунё аз ҳолати нимгуруснагӣ тақрибан 1 млрд. одамон ва аз норасоии оби ошомиданӣ 88 мамлакати тараққикардаистода танқисӣ мекашанд [2].

- **Шиддатёбии бадшавии вазъи экологӣ на танҳо дар мамлакатҳои тараққикарда, балки дар мамлакатҳои рӯбатараққӣ низ ба назар мерасад.** Аксарияти мамлакатҳои қафомонда бо муаммои ҷиддии экологии характери байналхалқӣ ва дохилӣ дошта дучор гаштаанд, ки онҳоро ба истифодаи бераҳмонаи захираҳои табиии худ маҷбур месозад. Ба сабаби қарзи давлатӣ ин мамлакатҳо захираҳои табииро бо мақсади рушд нею барои иҷрои ӯҳдадориҳои ин давлатҳо дар назди қарздиҳандагони хориҷӣ истифода мебаранд. Дар натиҷаи боло рафтани сатҳи камбизоатӣ ва бекорӣ,

истисмори захираҳои табиӣ шиддат ёфта истодааст, ки содироти ин захираҳо омили муҳими иқтисодии ин кишварҳо ба ҳисоб меравад. Дар бисёр кишварҳои тараққикардаистода аз тарафи ҳукумат оид ба ҳифзи муҳити зист чораҳои кофӣ андешида намешаванд. Мамлакатҳои тараққикарда барои рушди иқтисодӣ ҳанӯз дар аввали аср дар минтақаҳои худ табиатро хароб намудаанд: масалан дар ИМА танҳо 5% майдони аз фаъолияти хоҷагидорӣ хароб нашуда боқӣ мондааст, дар Аврупо танҳо 4% (аз ҳисоби мамлакатҳои Скандинавия ва Исландия). Ҳамин тавр, мамлакатҳои тараққикарда қисми назарраси сармояи экологиии сайёраро харҷ намудаанд [4] [13].

- **Афзоиши тафриқа дар сатҳи зиндагии аҳолии байни мамлакатҳои тараққикарда ва тараққикардаистода**. Давомнокии миёнасолаи ҳаёт дар мамлакатҳои тараққикарда беш аз 78 солро ташкил мекунад, дар мамлакатҳои тараққикардаистода бошад, ин нишондиҳанда ҳамагӣ 65 сол аст. Мамлакатҳои тараққикарда бо сатҳи пасти фавти кӯдак (9 ба 1000 навзод) тавсиф мешаванд, дар мамлакатҳои тараққикардаистода бошад ин нишондиҳанда аз 1000, 100 нафарро ташкил медиҳад. Сатҳи баланди фавт на танҳо аз сабаби бемориҳои зиёд, балки аз сабаби нимгуруснагӣ, дастрас набудани оби ошомиданӣ аст. Тақрибан 2 млрд. одамон дар шароити норасоии оби тоза, шароити ғайриқаноатбахши санитарию гигиенӣ умр ба сар мебаранд. Аз 1,4 млрд. аҳолии шаҳрҳои мамлакатҳои тараққикардаистода 1/3 ҳиссаи онҳо бо об ва 60% бо ташноб таъмин нестанд. Бештар аз 87 млн. нафар кӯдакон дар ҷаҳон аз пешрафти илму техника дар канор монда, дар бенавоӣ таваллуд мешаванд, умр ба сар мебаранд ва фавт мекунанд. Ҳар як кӯдаки дар мамлакати тараққикарда таваллудёфта, назар ба кӯдакони мамлакатҳои қафомонда 30 маротиба зиёдтар захираҳоро истифода мебаранд. [13] [6,75]

ЮНЕСКО ва Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба тағйирёбии сатҳи зиндагӣ ва қобилияти зисти халқҳо давра ба давра тадқиқот мегузаронанд. Коэффисиенти қобилият ба зиндагонӣ аз рӯи 5 хол баҳо дода шуда, имконияти нигоҳ доштани генофонд, инкишофи ҷисмонию зеҳнии миллатро вобаста аз сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳолати экологии мамлакат, дар давраи тадқиқот тавсиф менамояд. То ҳол ягон мамлакати ҷаҳон соҳиби 5 хол нагардидааст. Танҳо кишварҳои Скандинавия, ба монанди Шветсия, Норвегия, Финляндия, Дания ва Исландия соҳиби 4 хол гаштаанд. Кишварҳои ИМА, Ҷопон, Олмон аз рӯи ин рейтинг соҳиби 3 хол гаштаанд. Бояд қайд намуд, ки аз рӯи ин рейтинг баҳогузорӣ бо 2 хол маънои онро дорад, ки қобилияти зисти миллат метавонад паст шавад ва дар ин самт давлат бояд барои нигоҳдории сатҳи зиндагонии сазовор ба соҳаҳои тандурустӣ, илм, маориф, коҳиш додани ифлосшавии муҳити зист ва сохтмони манзил маблағгузориро афзоиш диҳад. Чунин баҳогузорӣ танзими давлатии нархи хӯрокворӣ, доруворӣ ва хизматрасониҳои тиббиро тақозо менамояд. Лозим ба зикр аст, ки мамлакатҳои Балтия ва кишварҳои Аврупои Шарқӣ дар ин баҳогузорӣ соҳиби 2 хол мебошанд. Аз 1,7 то 1,9 холро Украина, Қазоқистон, Тоҷикистон ва дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ, Молдова ва Африкаи Шарқӣ, 1,5-1,6 холро мамлакатҳои Африкаи Марказӣ ва Афғонистон сазовор шудаанд. [14]

Баҳои аз 1 то 1,4 хол мувофиқи ақидаи мутахассисони ЮНЕСКО ин ҳукми қатли миллат ба ҳисоб меравад. Чунин ҳудуди холҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки аз сабаби бад будани ҳолати экологӣ ва сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлатҳо, аҳолии ин киш-

варҳо ба хатари нобудшавӣ ё ба қафомонии наслҳои оянда ва таъмини нопурраи эҳтиёҷоти физиологии онҳо сабаб шуда метавонад. Дар натиҷа, чунин ҳолат метавонад ба зиндагонии интуитивӣ сабаб шавад. Ин наслҳо наметавонанд ба таври таҳлилӣ фикрронӣ кунанд, зеро ки онҳо қобилияти фикрронии мустақилонаро гум мекунанд.

Холи камтар аз 1,5 чунин маъно дорад, ки аҳолии мамлакат бештар ба инфексия ва касалиҳо таъсирпазир мебошад ва бо сатҳи баланди корношоямӣ тавсиф карда мешаванд. Миллат бо чунин коэффисиенти қобилияти ҳаётгузаронӣ сарчашмаи дохилии тараққиёт ва масуният надорад. Бинобар ин ҳукумати чунин мамлакатҳо бояд ба зудӣ сиёсати иҷтимоию иқтисодиро тағйир дода, камаш 80% воситаҳои буҷетиро ба мақсадҳои иҷтимоию иқтисодӣ равона созад[5].

- **Шиддатёбии вобастагии экологӣ.** То ба наздикӣ афзоиши алоқаи иқтисодии байни мамлакатҳо ба назар мерасид, имрӯзҳо бошад инкишофи босуръати алоқамандии экологии байни онҳо дида мешавад. Ҳамаи ҷараёнҳои табиие, ки дар қитъаҳои гуногуни замин ба миён меоянд, ба ҳам зич алоқаманданд. Масалан, пестисидҳое, ки дар кишоварзии Аврупо ва Америкаи Шимолӣ истифода мешуданд, дар ҷигари пингвинҳои Антарктида, радионуклидҳои нерӯгоҳи барқии атомии Чернобил дар таркиби хун ва шири модарони навзоди на танҳо занони Русия, Украина ва Белоруссия, балки Олмон, Шветсия, Норвегия ва дигар мамлакатҳо дарёфт шудаанд. Тағйироти номусоиди муҳити зист дар гузашта дар сатҳи минтақавӣ зоҳир мегардиданд, дар рӯзҳои мо бошад онҳо хусусияти ҷаҳониро пайдо карда истодаанд. Нобудшавии ҷангалҳо дар як мамлакат, ба коҳиши боигарии табиии тамоми сайёра, партовҳои моддаҳои кимёвӣ дар як қитъаи замин, ба саратони пӯсти одамони дигар минтақаи замин сабаб шуда метавонад. Хурӯҷи гази ангидриди карбон ба атмосфера дар як минтақа ба тағйирёбии иқлими тамоми сайёра оварда мерасонад.

Ҳамин тавр бояд қайд намуд, ки тамоми инсоният дар фазои ягонаи экологӣ умр ба сар мебарад. Иқтисодиёт ва экология беш аз пеш байни ҳамдигар дар сатҳи минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ омезиш меёбанд ва маҷмӯи мураккаби сабаб ва оқибатро ташкил карда, ба пайдоиши алоқаҳои нав байни иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва экологияи ҷаҳонӣ оварда мерасонанд. Агар дар гузашта таъсири рушди иқтисодӣ ба муҳити зист натиҷаҳои изтиробовар ба миён оварда бошанд, ҳоло оқибатҳои вайроншавии муҳити экологӣ (ифлосшавии атмосфера, бадшавии ҳолати ҷангалҳо, об ва ғайра) барои тараққиёти устувор монеъа эҷод карда истодаанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки бе ҳалли муаммоҳои экологии муосир таъмини тараққиёти устувор дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ имконнопазир мебошад.

***Пайнавишт:***

1. *Арабско-русский словарь. Составил профессор Х. К. Баранов. – М.: Государственное издательство иностранных и национальных словарей, 1957.-1190 с.*
2. *Алексеева Н. Устойчивое развитие. Экология//Наука в Сибири. -07.10.1994.-(№ 40).*
3. *Василенко В.А. Экология и экономика: проблемы и поиски путей устойчивого развития. Аналит. Обзор/СО РАН. ГНТБ, ИЭиОПП;Отв.ред.-д-р экон.наук Г.М. Мкртчян.-2-е изд.,стереотип.-Новосибирск, 1997.-123 с.(Сер."Экология". Вып.38)*
4. *Горшков В.Г., Кондратьев К.Я., Данилов –Данильян В.И. Окружающая среда: от новых технологий к новому мышлению//Зеленый мир.-18.08.1994.-(№ 19)*
5. *Давыдова С. Мы впереди планеты всей. За нами только Чад, Эфиопия и Буркина – Фасо//Зеленый мир.-26.01.1995.-(№ 3)*

6. *Доклад о мировом развитии 2019. Международный банк реконструкции и развития/Всемирный банк 1818 H Street NW, Washington, DC 20433.*
7. *Зайцев В.А. Малоотходные и безотходные технологии //Научные и технические аспекты охраны окружающей среды: Обзор.инфор./ВИНИТИ.-1990.-№ 7.-С.37-62*
8. *Коммонер Барри. Замыкающий круг: Природа, человек, технология. –Л.: Гидрометеоиздат, 1974.-279с.*
9. *Поустел С., Флейвин К. Перестраивая мировую экономику//XX век:последние 10 лет. 1990-2000: Сб.ст. из ежегод. State of the World.-М.,1992.-с.274-294.*
10. *Раскин П. Этический принцип развития:сохранение природных ресурсов//Зеленый мир.-18.05.1994.- (№14).*
11. *Соколов В.И. Природопользование в США и Канаде: Экономические аспекты.-М.: Наука, 1990.-156 с.*
12. *Щипанов Н.А. Верните экологию экологам// Химия и жизнь.-1993.-№2.-С.42-48*
13. *World Bank, World Development Report - 1990. - Oxford: Oxford University Press, 1990.*
14. *https://geographyofrussia.com/koefficient-zhiznesposobnosti-nacii/. (санаи муроҷиат: 27.12.2019)*

**Reference Literature:**

1. *Arabic-Russian Dictionary. Compiled by Professor H.K. Baranov. - M: State Publishing-House of Foreign and National Dictionaries, 1957. - 1190 pp.*
2. *Alekseeva N. Sustainable Development. Ecology // Science in Siberia. 07.10.1994. - (No. 40)*
3. *Vasilenko V.A. Ecology and Economics: Problems and Quests of the Ways for Sustainable Development. Analytical Review / SB RAS. SSTL, IE and OPP; editor-in-charge: Dr. of Economics G.M. Mkrtchyan. The 2-nd edition, stereotyped. -Novosibirsk, 1997.-123 pp. (Series “Ecology”. Issue 38).*
4. *Gorshkov V.G., Kondratiev K.Ya., Danilov – Danilyan V.I. Environment: from New Technologies to New Thinking // The Green World. 18.08.1994. - (No. 19).*
5. *Davydova S. We Are ahead of the Whole Planet. Behind us Are only Chad, Ethiopia and Burkina Faso // The Green World. 01/26/1995. - (No. 3)*
6. *World Development Report -2019. International Bank for Reconstruction and Development / World Bank 1818 H Street NW, Washington, DC 20433*
7. *Zaitsev V.A. Low-Waste and non-Waste Technologies // Scientific and Technical Aspects of Environmental Protection: Review of Information. / VINITI. - 1990. -№ 7. - pp. 37 – 62.*
8. *Commoner Barry. Circuit Formation: Nature, Man, Technology. -Leningrad. Gydrometeoizdat, 1974. – 279 pp.*
9. *Poustel S., Fleivin K. Rebuilding the World Economy // The XX-th Century: the Latest 10 years. 1990-2000: collection of articles: from the annual: “State of the World”. - M., 1992. – pp. 274-294.*
10. *Raskin P. Ethical Principle of Development: Preservation of Natural Resources // The Green World. -18.05.1994. - (No. 14).*
11. *Sokolov V.I. Environmental Utilization in the USA and Canada: Economic Aspects. - M.: Science, 1990. - 156 pp.*
12. *Tschipanov N.A. Return Ecology to Ecologists // Chemistry and Life.-1993. - №2. - pp. 42 – 48.*
13. *World Bank, World Development Report - 1990. - Oxford: Oxford University Press, 1990.*
14. *https://geographyofrussia.com/koefficient-zhiznesposobnosti-nacii/. 12/27/2019*